# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар бораи Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар марҳилаи дуюм (солҳои 2026-2030)

Мутобиқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» фармон медиҳам:

1. Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар марҳилаи дуюм (солҳои 2026-2030) тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҳамасола то 15 январ ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳо маълумот пешниҳод намоянд.

3. Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола то 1 март мониторинги иҷрои Нақшаи чорабиниҳоро гузаронида, аз натиҷааш ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

4. Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати иҷрои Нақшаи чорабиниҳои мазкурро таъмин намоянд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
6 марти соли 2026
№ 1145

# УКАЗ
## ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

О Плане мероприятий по реализации Государственной стратегии противодействия коррупции в Республике Таджикистан на период до 2030 года для второго этапа (2026-2030 годы)

В соответствии со статьей 5 Закона Республики Таджикистан «О противодействии коррупции» постановляю:

1. Утвердить План мероприятий по реализации Государственной стратегии противодействия коррупции в Республике Таджикистан на период до 2030 года для второго этапа (2026-2030 годы) (прилагается).

2. Министерствам и ведомствам, местным исполнительным органам государственной власти, органам самоуправления поселков и дехотов ежегодно до 15 января предоставлять в Агентство по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией Республики Таджикистан информацию о выполнении Плана мероприятий.

3. Агентству по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией Республики Таджикистан ежегодно до 1 марта проводить мониторинг выполнения Плана мероприятий и по результатам предоставлять информацию Президенту Республики Таджикистан и Национальному совету по противодействию коррупции в Республике Таджикистан.

4. Национальному совету по противодействию коррупции в Республике Таджикистан и Агентству по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией Республики Таджикистан обеспечить контроль выполнения настоящего Плана мероприятий.

Президент
Республики Таджикистан — Эмомали Рахмон

г. Душанбе
6 марта 2026 года
№ 1145

Замима
ба фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 6 » марти соли 2026, №1145

## Нақшаи
## чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар марҳилаи дуюм (солҳои 2026-2030)

| | **Номгӯйи чорабиниҳо** | **Муҳлати иҷро** | **Натиҷаи ниҳоӣ** | **Иҷрокунандагон** | **Манбаи маблағгузорӣ (ҳазор сомонӣ)** Буҷети давлатӣ | Маблағҳои махсус | Шарикони рушд |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **1. ЧОРАБИНИҲОИ УМУМӢ ОИД БА АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯ** | | | | | | |
| | Таҳия ва тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои амалисозии барномаи давлатии зиддикоррупсионӣ барои ҳар сол | 2026 - 2030 | Нақшаи чорабиниҳо таҳия ва тасдиқ карда шуд | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар | - | - | - |
| 2. | Муайян намудани шахси масъул аз ҳисоби роҳбарияти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар оид ба таъмини иҷрои Стратегия | 2026 | Шахсони масъул аз ҳисоби роҳбарият муайян карда шуданд | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар | - | - | - |
| 3. | Нашри натиҷаи фаъолият дар самти муқовимат ба коррупсия дар сомонаҳои расмӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва рӯзномаву маҷалла | 2026 - 2030 | Натиҷаи фаъолият дар самти муқовимат ба коррупсия мунтазам дар сомонаҳои расмӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, рӯзномаву маҷалла нашр карда шуданд | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли моликият | - | - | - |
| 4. | Нашри солонаи рӯйхати вазорату идораҳо оид ба вазъи содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва ҷиноятҳои коррупсионӣ дар сомонаи расмӣ | 2026 - 2030 | Рӯйхат нашр карда шуд | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | - | - | - |
| 5. | Инъикоси вазъи иҷрои барномаҳои зиддикоррупсионӣ тавассути воситаҳои ахбори омма ё сомонаҳои расмӣ | 2026 - 2030 | Вазъи иҷрои барномаҳои зиддикоррупсионӣ тавассути воситаҳои ахбори омма ё сомонаи расмӣ инъикос карда шуданд | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли моликият | - | - | - |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 6. | Омӯзиши масъалаи дар назди Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия таъсис додани маркази таълимии такмили ихтисос барои субъектҳои ба коррупсия бевосита муқовиматкунанда | 2030 | Масъалаи дар назди Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия таъсиси Маркази таълимии такмили ихтисос омӯхта шуда, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф пешниҳод карда шуд | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | - | - | - |
| 7. | Гузаронидани санҷиш, таҳлил ва мониторинги вазъи иҷрои барномаи давлатии зиддикоррупсионӣ ва нақшаи татбиқи он бо ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва бо истифодаи имкониятҳои технологияҳои инноватсионӣ | 2026 - 2030 | Санҷиш, таҳлил ва мониторинги барнома гузаронида шуд | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия | - | - | - |

## 2. МУКАММАЛГАРДОНИИ ҚОНУНГУЗОРӢ ВА МУТОБИҚГАРДОНИИ ОН БА ТАЛАБОТИ САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 8. | Такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти муқовимат ба коррупсия | 2026 - 2030 | Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти муқовимат ба коррупсия такмил дода шуд. | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Вазорати адлия, | - | - | - |
| 9. | Аз байн бурдани манфиатҳои идоравӣ зимни таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла кӯшиши ба худ гирифтани ваколату салоҳияти дигар сохтору идораҳои давлатӣ | 2026 - 2030 | Манфиатҳои идоравӣ зимни таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешгирӣ карда шуд | Агентии хизмати давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ Вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | - | - | - |
| 10. | Таҷдиди назар кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти идораи молияи давлатӣ ва назорати давлатии молиявӣ | 2029 - 2030 | Санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти идораи молияи давлатӣ ва назорати давлатии молиявӣ таҷдиди назар карда шуд. | Вазорати молия, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Палатаи ҳисоб | - | - | - |
| 11. | Дар доираи талаботи воқеӣ пешниҳод намудани дархостҳои буҷетӣ ба Комиссияи байниидоравии буҷетӣ бо мақсади пешгирии хароҷоти беасос ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳо | 2027 - 2030 | Хароҷоти беасос ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳо пешгирӣ карда шуд | Мақомоти марказӣ, маҳаллӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилоту муассисаҳо | - | - | - |
| 12. | Такмили қонунгузории андоз, гумрук, замин, низоми иҷозатдиҳӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳое, ки хизматрасонии давлатиро анҷом медиҳанд | 2026 - 2030 | Қонунгузории андоз, гумрук, замин, низоми иҷозатдиҳӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳое, ки | Мақомоти ваколатдори давлатӣ | - | - | - |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | хизматрасонии давлатиро анҷом медиҳанд, такмил дода шуд | | | | |
| 13. | Таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бархӯрди манфиатҳо» | 2026 - 2027 | Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бархӯрди манфиатҳо» таҳия ва пешниҳод карда шуд | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Агентии хизмати давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ | - | - | - |
| 14. | Таҳия ва қабули санади дахлдор вобаста ба ҳимояи шахсоне, ки дар ошкор намудани ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат менамоянд | 2026 - 2027 | Санади дахлдор вобаста ба ҳимояи шахсоне, ки дар ошкор намудани ҷиноят ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат менамоянд, таҳия ва қабул карда шуд | Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар субъектҳои бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда | - | - | - |
| 15. | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тақвият бахшидани мустақилияти судяҳо | 2027 | Ба қонунгузорӣ дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуд | Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди конститутсионӣ ва Вазорати адлия | - | - | - |
| 16. | Тақвият додани мустақилияти Коллегияи тахассусии судяҳо | 2026 - 2027 | Мустақилияти Коллегияи тахассусии судяҳо тақвият дода шуд | Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди конститутсионӣ ва Вазорати адлия | - | - | - |
| 17. | Таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба идоракунии корпоративӣ | 2026 - 2027 | Санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва пешниҳод карда шуд | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | - | - | - |
| 18. | Таҷдиди Низомномаи намунавии Шӯрои нозирони корхонаи давлатӣ | 2026 - 2027 | Низомномаи намунавии Шӯрои нозирони корхонаи давлатӣ таҷдид гардид | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазоратҳои адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо ва Кумитаи андоз | - | - | - |
| | **3. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ СОДИРШАВИИ ҶИНОЯТҲОИ БА КОРРУПСИЯ АЛОҚАМАНД** | | | | | | |
| 19. | Гузаронидани тадқиқоти сотсиологии умумӣ ва соҳавӣ оид ба муқаррар намудани сатҳи коррупсия барои ҳар сол | 2027 - 2030 | Тадқиқоти сотсиологии умумӣ ва соҳавӣ оид ба муқаррар намудани сатҳи коррупсия барои ҳар сол гузаронида шуд | Маркази тадқиқоти стратегӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ | 100,0 | - | 300,0 |
| 20. | Коркарди механизми муосири арзёбии сатҳи коррупсия ва таҳияи шохиси миллии дарки коррупсия | 2027 - 2028 | Механизми муосири арзёбии сатҳи коррупсия муайян ва шохиси миллии | Агентиҳои назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, инноватсия ва | - | - | - |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | дарки коррупсия таҳия гардид | технологияҳои рақамӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ | | | |
| 21. | Таҷдиди махзани ягона оид ба ҷиноятҳои коррупсионӣ | 2026 | Махзани ягона таҷдид карда шуд | Прокуратураи генералӣ, агентиҳои назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, инноватсия ва технологияҳои рақамӣ | - | - | - |

## 4. ТАҚВИЯТ БАХШИДАНИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ДАР СОҲАҲОИ ОСЕБПАЗИР

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 22. | Таҳия ва роҳандозӣ намудани механизми пешгирии баландшавии сунъии нархҳои маҳсулоти ниёзи аввал | 2026 - 2030 | Механизми пешгирии баландшавии сунъии нархҳои маҳсулоти ниёзи аввал таҳия ва роҳандозӣ карда шуд | Хадамоти зиддиинҳисорӣ, Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи андоз ва Агентии захираҳои моддии давлатӣ | - | - | - |
| 23. | Дар доираи ҳадафҳои стратегӣ таъсиси ҷойҳои нави корӣ | 2026 - 2030 | Ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуданд | Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо ва дигар вазорату идораҳои соҳавӣ | - | - | - |
| 24. | Бо назардошти вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва имкониятҳои буҷетӣ идома додани ислоҳоти музди меҳнат дар низоми хизмати давлатӣ | 2026 - 2030 | Музди меҳнат дар низоми хизмати давлатӣ мунтазам зиёд карда шуд | Вазорати молия, Агентии хизмати давлатӣ ва вазорату идораҳои дахлдор | - | - | - |
| 25. | Интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо тариқи роҳхат, озмун, захираи кадрҳо, баҳодиҳии фаъолият, аттестатсия ва ҷойивазкунӣ (ротатсия)-и хизматчиёни давлатӣ | 2026 - 2030 | Интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо таъмин гардид | Агентии хизмати давлатӣ, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар | - | - | - |
| 26. | Вусъат додани раванди таъмин намудан бо манзили истиқоматӣ, қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ, ҷудо намудани қарзҳои бонкии имтиёзнок ба хизматчиёни давлатӣ | 2026 – 2030 | Вазъи некуаҳволии хизматчиёни давлатӣ баланд бардошта шуд | Агентии хизмати давлатӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Вазорати молия, Бонки миллӣ вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ | - | - | - |
| 27. | Омӯзиши масъалаи пешниҳоди имтиёз ба хизматчиёни давлатӣ зимни пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ | 2030 | Омӯзиши масъалаи пешниҳоди имтиёз ба хизматчиёни давлатӣ зимни пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ гузаронида шуда, аз | Агентии хизмати давлатӣ, Кумитаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | - | - | - |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | натиҷа таклиф манзур гардид | | | | |
| 28. | Мунтазам гузаронидани чорабиниҳои омӯзишию иттилоотии зиддикоррупсионӣ барои кормандон | 2026 - 2030 | Машғулиятҳои омӯзишию иттилоотии зиддикоррупсионӣ барои кормандон мунтазам гузаронида шуд | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар | - | - | - |
| 29. | Таҳияи барномаи таълимию тарбиявӣ ва баргузор кардани чорабиниҳои таблиғотии зиддикоррупсионӣ дар ҳама зинаҳои таълим | 2026 - 2030 | Барномаи таълимию тарбиявӣ таҳия ва чорабиниҳои таблиғотии зиддикоррупсионӣ баргузор карда шуд | Вазорати маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | - | - | - |
| 30. | Пешбурди тадқиқоти илмӣ, таҳия ва нашри асарҳои илмӣ дар самти муқовимат ба коррупсия | 2026 - 2030 | Тадқиқоти илмӣ гузаронида шуда, китобу асарҳои илмӣ дар самти муқовимат ба коррупсия таҳия ва нашр гардид | Академияи миллии илмҳо, марказҳои миллии қонунгузорӣ, тадқиқоти стратегӣ, Вазорати маориф ва илм, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | - | 50,0 | 100,0 |
| 31. | Омӯзиши масъалаи ҷорӣ намудани низоми электронии тақсимоти ихтисосҳои тиббӣ ҷиҳати пешгирии омилҳои коррупсионӣ | 2026 - 2030 | Тақсимоти электронии ихтисосҳои тиббӣ ба роҳ монда шуд | Вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф ва илм, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ | - | - | - |
| 32. | Таъмини назорат ва риояи талаботи қонунгузорӣ вобаста ба мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ | 2026 | Назорат ва риояи қонунгузорӣ вобаста ба мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ таъмин гардид | Прокуратураи генералӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ | - | - | - |
| 33. | Таъмини шаффофият дар тақсимот ва идоракунии захираҳои энергетикӣ тавассути ҷорӣ намудани низоми электронии пардохт, назорат ва ҳисоботдиҳӣ | 2026 - 2030 | Шаффофият таъмин карда шуд | Вазорати энергетика ва захираҳои об, Агентии назорати давлатии энергетикӣ, ҷамъиятҳои саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик», «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва «Шабакаҳои тақсимоти барқ» | - | 200,0 | - |
| 34. | Таъсиси низоми электронии шаффофи идоракунии захираҳои обӣ, аз ҷумла, назорати электронии тақсимоти оби ошомиданӣ ва пардохтҳо марбут ба истифодаи он | 2027 - 2028 | Низоми электронии шаффофи идоракунии захираҳои обӣ, аз ҷумла, назорати электронии тақсимоти оби ошомиданӣ ва пардохтҳо марбут ба истифодаи он ба роҳ монда шуд | Кумитаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, Вазорати энергетика ва захираҳои об, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | - | 3000,0 | 10000,0 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 35. | Инъикос намудани раванди амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ дар воситаҳои ахбори омма | 2026 - 2030 | Раванди амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ дар воситаҳои ахбори омма расонаӣ шуд | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи телевизион ва радио Вазорати рушди иқтисод ва савдо, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ | - | - | - |
| 36. | Тақвият бахшидани чораҳои муқовимат ба коррупсия бо мақсади таъмини баробарии гендерӣ ва ҳуқуқи занон | 2026 - 2030 | Чораҳои муқовимат ба коррупсия ҷиҳати таъмини баробарии гендерӣ ва ҳуқуқи занон тақвият дода шуд | Кумитаи кор бо занон ва оила, Агентии хизмати давлатӣ | - | - | - |
| 37. | Муайян ва роҳандозӣ намудани механизми пешгирии рақобати бевиҷдонона дар бахши хусусӣ, ҳимоя ва таъмини баробарҳуқуқии онҳо | 2026 - 2030 | Рақобати бевиҷдонона дар бахши хусусӣ пешгирӣ карда шуд | Хадамоти зиддиинҳисорӣ, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатся ва нозироти савдо | - | - | - |
| 38. | Пешгирии ҳолатҳои дахолат ба мусобиқаҳои варзишӣ, таъмини шаффофият ва рақобати солим | 2026 - 2030 | Шаффофияти мусобиқаҳои варзишӣ таъмин карда шуд | Кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | - | - | - |
| 39. | Андешидани тадбирҳо ҷиҳати риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» | 2026 - 2030 | Талаботи қонун риоя карда шуд | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ, вазорату идораҳо, корхонаҳои давлатӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва дигар субъектони хоҷагидори давлатӣ | - | - | - |
| 40. | Ҷорӣ намудани механизми электронии интихоби шаҳрвандон ба адои хизмати ҳарбӣ дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ ва таҷдиди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт | 2028 | Интихоби шаффофи даъватшавандагон ба хизмати ҳарбӣ дар ҳайати захираҳои даъвати сафарбарӣ таъмин карда шуд | Вазорати мудофиа, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 100,0 | 300,0 | 300,0 |
| 41. | Омӯзиши масъалаи ҷорӣ намудани низоми электронии қабул ва ҷобаҷогузории тарбиятгирандагон ва хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ | 2028 - 2030 | Масъалаи ҷорӣ намудани низоми электронии қабул ва ҷобаҷогузории тарбиятгирандагон ва хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, аз натиҷааш таклиф пешниҳод гардид | Вазорати маориф ва илм, Агентиҳои назорат дар соҳаи маориф ва илм, инноватсия ва технологияҳои рақамӣ ва вазорату идораҳои дахлдор | 50,0 | 200,0 | 200,0 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 42. | Омӯзиши масъалаи ҷорӣ намудани низоми электронии хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2027 - 2028 | Масъалаи ҷорӣ намудани низоми электронии хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шуда, аз натиҷааш таклиф пешниҳод гардид | Вазорати маориф ва илм, Агентиҳои назорат дар соҳаи маориф ва илм, инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ | - | - | - |

**5. ИШТИРОКИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА ДАР РАВАНДИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ МАЪРИФАТИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ АҲОЛӢ**

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 43. | Тақвият додани фаъолияти Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия | 2026 - 2030 | Фаъолияти Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия тақвият дода шуд | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | - | - | - |
| 44. | Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия | 2026 - 2030 | Самаранокии фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия таъмин карда шуд | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ | - | - | - |
| 45. | Таъмини иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва бахши хусусӣ дар раванди муқовимат ба коррупсия | 2026 - 2030 | Иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва бахши хусусӣ дар раванди муқовимат ба коррупсия таъмин карда шуд | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия | - | - | - |
| 46. | Ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (аз ҷумла тавассути дар сомонаҳои расмӣ ҷойгир намудани лоиҳаҳои таҳияшаванда) | 2026 - 2030 | Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (аз ҷумла тавассути дар сомонаҳои расмӣ ҷойгир намудани лоиҳаҳои таҳияшаванда) ҷалб карда шуд | Маркази миллии қонунгузорӣ, Вазорати адлия вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | - | - | - |
| 47. | Гузаронидани озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣӣ дар мавзӯи муқовимат ба коррупсия | 2027 - 2030 | Озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дар мавзӯи муқовимат ба коррупсия доир карда шуд | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, вазоратҳои фарҳанг, молия, маориф ва илм, Кумитаи телевизион ва радио, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | 200,0 | - | 400,0 |
| 48. | Баргузор намудани чорабиниҳои таблиғотию ташвиқотии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва | 2026 - 2030 | Чорабиниҳои таблиғотию ташвиқотии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, | - | - | 200,0 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | байналмилалӣ дар самти муқовимат ба коррупсия | | байналмилалӣ дар самти муқовимат ба коррупсия баргузор карда шуд | Кумитаи телевизион ва радио, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, ассотсиатсияи блогерон | | | |
| 49. | Тибқи тартиби муқаррааргардида нашри натиҷаҳои баррасии парвандаҳо дар суд дар сомонаҳои расмӣ | 2026 - 2030 | Натиҷаҳои баррасии парвандаҳо дар суд дар сомонаҳои расмӣ нашр карда шуд | Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ | - | - | - |

## 6. МУКАММАЛГАРДОНӢ ВА ИСЛОҲОТИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 50. | Таъмини назорати ҷории мақсаднок ва самарбахш истифода бурдани қарзҳо, грантҳо, кӯмакҳои башардӯстона ва дигар сармоягузориҳои хориҷӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо кафолати он ҷалб карда шудаанд | 2026 - 2030 | Назорати мақсаднок ва самарбахш таъмин гардид | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати молия, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва вазорату идораҳои дахлдор | - | - | - |
| 51. | Такмили шаклу усулҳои муосири назорати давлатии молиявӣ ва аудит, аз ҷумла аудити берунаи давлатӣ | 2026 - 2030 | Шаклу усулҳои муосири назорати давлатии молиявӣ ва аудит, аз ҷумла аудити берунаи давлатӣ такмил дода шуд | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Палатаи ҳисоб ва Вазорати молия | - | - | - |
| 52. | Ба нашр расонидани маълумот оид ба натиҷаҳои тафтишу санҷишҳои молиявӣ ва аудит дар воситаҳои ахбори омма ва ё сомонаҳои расмӣ тибқи тартиби муқаррааргардида | 2026 - 2030 | Натиҷаҳои тафтишу санҷишҳои молиявӣ ва аудит ба нашр расонида шуд | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Палатаи ҳисоб, Вазорати молия ва вазорату идораҳои дахлдор | - | - | - |

## 7. ҶОРӢ НАМУДАНИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ҶИҲАТИ КОҲИШИ ТАЪСИРИ ОМИЛҲОИ ИНСОНӢ

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 53. | Гузариш ба низоми электронии гардиши ирсол ва тақсимоти мавод, парванда, ҳуҷҷатҳо, истеҳсолоти иҷро ва дигар расмиёти маъмурӣ | 2026 - 2030 | Низоми электронии гардиши ирсол ва тақсимоти мавод, парванда, ҳуҷҷатҳо, истеҳсолоти иҷро ва дигар расмиёти маъмурӣ ҷорӣ карда шуд | Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, мақомоти судӣ, хадамоти иҷро, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои давлатӣ | - | - | - |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 54. | Тақвият додани низоми электронии қабул ва пардохти маблағҳои хизматрасониҳои музднокии давлатӣ | 2026 - 2030 | Низоми электронии қабул ва пардохти маблағҳои хизматрасониҳои музднокии давлатӣ тақвият дода шуд | Ташкилотҳое, ки хизматрасонии музднокии давлатиро анҷом медиҳанд, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ | - | - | - |
| 55. | Тақвият бахшидани фаъолияти «Портали ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ» | 2026 - 2030 | Фаъолияти «Портали ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ» тақвият дода шуд | Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ | - | - | - |
| 56. | Таъсис додани воҳидҳои зертобеи Маркази ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ | 2027 - 2030 | Дар ҳудуди ҷумҳурӣ воҳидҳои зертобеи Маркази ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ таъсис дода шуд | Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | - | 1000,0 | 1000,0 |
| 57. | Тақвият бахшидани раванди гузаронидани санҷишҳои фаъолияти субъектони хоҷагидор бо истифода аз технологияи иттилоотию рақамӣ | 2026 - 2030 | Раванди гузаронидани санҷишҳои фаъолияти субъектони хоҷагидор бо истифода аз технологияи иттилоотию рақамӣ тақвият дода шуд | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи санҷиши фаъолияти субъектони хоҷагидор, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ | - | - | - |
| 58. | Густариши раванди рақамикунонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ ва суғуртавӣ | 2026 - 2030 | Рақамикунонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ ва суғуртавӣ густариш дода шуд | Бонки миллӣ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ | - | - | - |

## 8. МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ТАВАССУТИ ЧОРАҲОИ ҶИНОЯТӢ, МАЪМУРӢ ВА ИНТИЗОМӢ

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 59. | Омӯзиши масъалаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ вобаста ба тобеияти тафтишотӣ | 2027 | Масъалаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ вобаста ба тобеияти тафтишотӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, аз натиҷааш таклиф пешниҳод гардид | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Вазорати адлия ва дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ | - | - | - |
| 60. | Такмили қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд | 2026 - 2027 | Қонунгузории ҷиноятӣ такмил дода шуд | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Вазорати адлия ва субъектҳои бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда | - | - | - |
| 61. | Тақвият бахшидани ҳамкории мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонӣ | 2026 - 2030 | Ҳамкории мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонӣ | Бонки миллӣ, Прокуратураи генералӣ, вазоратҳои корҳои дохилӣ, | - | - | - |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати пешгирӣ ва ошкори ҳолатҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда | | (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати пешгирӣ ва ошкори ҳолатҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда тақвият дода шуд | хориҷӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, агентиҳои назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, назорати маводи нашъаовар, Хадамоти гумрук | | | |
| 62. | Муайян намудани механизми баргардонидани дороиҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда аз хориҷи кишвар | 2026 - 2028 | Механизми баргардонидани дороиҳо муайян карда шуд | Прокуратураи генералӣ, Бонки миллӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Вазоратҳои корҳои дохилӣ, хориҷӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Агентии назорати маводи нашъаовар, Хадамоти гумрук ва Суди Олӣ | - | - | - |
| 63. | Омӯзиши масъалаи такмили қонунгузории маъмурӣ ҷиҳати бартараф намудани омилҳои коррупсионӣ | 2027 | Масъалаи такмили қонунгузории маъмурӣ ҷиҳати бартараф намудани омилҳои коррупсионӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, аз натиҷааш таклиф пешниҳод гардид | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Вазорати адлия | - | - | - |
| 64. | Тақвият додани фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсозии субъектҳои муқовимат ба коррупсия | 2026 - 2030 | Фаъолияти Шӯро тақвият дода шуд | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | - | - | - |

## 9. ЭКСПЕРТИЗАИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ВА ЛОИҲАҲОИ ОНҲО

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 65. | Тақвият бахшидани қонунгузорӣ вобаста ба такмили механизмҳои экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо | 2026 - 2030 | Қонунгузорӣ такмил дода шуд | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Вазорати адлия | - | - | - |
| 66. | Мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда | 2026 - 2030 | Мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузаронида шуд | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Вазорати адлия, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, | - | - | - |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо | | | |

## 10.ТАҚВИЯТ БАХШИДАНИ ТАҲЛИЛИ ХАВФҲОИ КОРРУПСИОНӢ

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 67. | Мукаммал намудани Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) бо назардошти стандартҳои байналмилалӣ ва имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ | 2026 - 2027 | Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) бо назардошти стандартҳои байналмилалӣ ва имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ мукаммал карда шуд | Агентиҳои назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, инноватсия ва технологияҳои рақамӣ | - | - | - |
| 68. | Мунтазам гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) ва татбиқи амалии нақшаҳои мукаммал тибқи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили хавфҳои коррупсионӣ | 2026 - 2030 | Таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) ва татбиқи амалии нақшаҳои мукаммал мунтазам гузаронида шуд | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва дигар ташкилотҳои давлатӣ | - | - | - |
| 69. | Ҷорӣ кардани низоми арзёбии раддабандии самаранокии фаъолияти зиддикоррупсионӣ | 2026 - 2027 | Низоми арзёбии раддабандии самаранокии фаъолияти зиддикоррупсионӣ ҷорӣ карда шуд | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | - | - | - |

## 11.ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 70. | Тақвияти ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат ба коррупсия, аз ҷумла ҷиҳати баланд бардошти мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандиҳои байналмилалӣ | 2026 - 2030 | Ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат ба коррупсия, аз ҷумла ҷиҳати баланд бардошти мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандиҳои байналмилалӣ тақвият дода шуд | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва дигар субъектони ба коррупсия бевосита муқовиматкунанда | - | - | - |
| 71. | Густариши ҳамкориҳо бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои хориҷӣ дар самти муқовимат ба коррупсия | 2026 - 2030 | Ҳамкориҳо бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои хориҷӣ дар самти муқовимат ба коррупсия густариш дода шуданд | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва дигар субъектони ба коррупсия бевосита муқовиматкунанда | - | - | - |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 72. | Мутобиқнамоии қонунгузорӣ ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва таъмини иҷрои тавсияҳои дахлдори созмону ташкилотҳои байналмилалии соҳавӣ | 2026 - 2030 | Қонунгузорӣ ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ ва иҷрои тавсияҳо таъмин карда шуд | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Вазорати адлия ва вазорату идораҳои дахлдор | - | - | - |

Эзоҳ:

1. Иҷрокунандагони асосӣ барои таъмини иҷрои бандҳои Нақшаи чорабиниҳо масъулият доранд.
2. Ҳисобот аз ҷониби иҷрокунандагони асосӣ бо назардошти иттилооте, ки аз ҷониби ҳамиҷрокунандагон, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо пешниҳод шудааст, омода карда шуда, пас аз ҷамъбаст ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол мегардад.
3. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо тибқи дархости иҷрокунандаи асосӣ иттилоотро дар мухлатҳои муқарраршуда омода намуда, ба дархосткунанда пешниҳод менамоянд.
4. Харҷи маблағҳои буҷетие, ки барои амалисозии Нақша пешбинӣ гардидаанд, дар доираи маблағҳои барои нигоҳдории мақомоти дахлдор муқарраршуда амалӣ карда мешавад.
5. Дар бандҳое, ки маблағ пешбинӣ нашудааст, дар сурати ба миён омадани зарурати маблағгузорӣ, хароҷот аз ҳисоби воситаҳои маъмурӣ ва шарикони рушд ба амал бароварда мешавад.

Приложение
к указу Президента
Республики Таджикистан
от « 6 » марта 2026 года, №1145

План
мероприятий по реализации Государственной стратегии противодействия коррупции в Республике Таджикистан на период до 2030 года для второго этапа (2026-2030 годы)

| № | Наименование мероприятий | Срок исполнения | Ожидаемый результат | Исполнители | Источник финансирования (тыс. сомони) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Государственный бюджет | Специальные средства | Партнеры по развитию |
| | **1. ОБЩИЕ МЕРОПРИЯТИЯ ПО РЕАЛИЗАЦИИ СТРАТЕГИИ** | | | | | | |
| 1. | Разработка и утверждение Плана мероприятий по реализации государственной антикоррупционной программы на каждый год | 2026 - 2030 | План мероприятий подготовлен и утвержден | Министерства и ведомства, местные исполнительные органы государственной власти, органы самоуправления поселков и сел, предприятия, учреждения и другие организации | - | - | - |